# Ташреҳи мухтасари асосҳои илмӣ ва меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ки зарурати муттаҳидшавии принсипи «иштироки ҷавонон»-ро дар ҳамаи марҳилаҳои барномаҳо/лоиҳаҳо оиди ҳифзи солимӣ тасдиқ менамоянд.

Душанбе, Тоҷикистон, 2012 сол.

ОО "Молодое поколение Таджикистана"

Ташреҳи мухтасар дар доираи лоиҳаи «Иштироки ҷавонон баҳри солимии миллат» (Участие молодежи во благо здоровья нации) омода шуда, мақсади он мусоидати воруди принсипи «иштироки ҷавонон» ба равандҳои банақшагирӣ, таҳия, инкишоф, татбиқ, мониторинг ва баҳогузории барномаҳо/лоиҳаҳо оиди ҳифзи солимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Лоиҳа аз ҷониби Ташкилоти ҷамъиятии «Насли ҷавони Тоҷикистон» бо дастгирии техникӣ ва молиявии барномаи минтақавии «Ҳифзи солимӣ дар Осиёи Марказӣ/Тоҷикистон» Deutsche Gesellschaft fr Internationale Zusammenarbeit (GIZ) GmbH (Ҷамъияти Олмонии Ҳамкории байналмиллалӣ) дар Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

ОО "Молодое поколение Таджикистана"

Мундарича:


1. Муқаддима....................................................................................................саҳифаи 5

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсат оиди ҷавонон».....саҳифаи 6

3. Консепсияи миллии сиёсат оиди ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.Консепсия бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни 2006 сол № 228 тасдиқ шудааст....................................................................................................саҳифаи 9

4. Барномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» барои солҳои 2010-2012 сол. Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли 2009 сол № 372 тасдиқ гардидааст.саҳифаи11

5. Барномаи Давлатии «Инкишофи солимии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои солҳои 2011-2013. Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 октябри 2009 сол № 561 тасдиқ гардидааст..........................................................саҳифаи 13

6. Стратегияи сиёсати давлатӣ оид ба ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то 2020 сол. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 октябри 2011 сол № 480 тасдиқ гардидааст....................................................................................саҳифаи 15

7. Қарордоди Ассамблеяи СММ қабулгардидаи «Барномаи умумиҷаҳонии амалҳои вобаста ба ҷавонон то 2000 сол ва давраи минбаъда»..........................саҳифаи 18

8. Татбиқи барномаи умумиҷаҳонӣ вобаста ба ҷавонон: инкишоф ва мушкилотҳои вобаста ба некӯаҳволии ҷавонон ва мавқеи он дар ҷомеаи шаҳрвандӣ, Маърӯзаи Котиб..........................................................................саҳифаи 19

9. Қарордоди 64/130 Ассамблеяи Генералии СММ қабулгардида. Сиёсат ва барномаҳо оиди ҷавонон ..........................................................................саҳифаи 20

10. Хартияи аврупоии азнавбаррасишуда оиди иштироки ҷавонон дар ҳаёти ҷомеа дар сатҳи маҳаллӣ ва минтақавӣ. Аз ҷониби Конгресси ҳукуматҳои маҳаллӣ ва минтақавии Аврупо (10 Ҷаласа – 21 майи 2003 сол – Замима ба Тавсия 128) қабул гардидааст....................................................................................саҳифаи 22

11. Ҷавонон дар Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ. Бонки Умумиҷаҳонӣ Минтақаи Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ ..................................................саҳифаи 24

12. Ҳуҷҷати мавқеъмуайянкунанда оиди иштироки ҷавонон дар барномаҳои пешгирии БНМИ ва ҳифзи солимӣ. (Иттиҳодияи ташкилотҳои ҷавонони Тоҷикистон, Ташкилоти ҷамъиятии «Насли ҷавони Тоҷикистон», Шабакаи ҷавонон-Y-PEERТоҷикистон)...................................................................саҳифаи 25


ОО "Молодое поколение Таджикистана"

13. Ҳуҷҷати мавқеъмуайякунандаи ташкилотҳои ғайридавлатии ғайритиҷоратии ҷавонони Русия, ки дар самти ҳифзи солимӣ фаъолият мекунанд, мавқеи муштараки худро оиди масъалаҳои иштироки ҷавонон дар раванди қабули қарорҳои вобаста ба ҳаёт ва солимии онҳо, азҷумла дар барномаҳои ба самти пешгирии паҳншавии сирояти БНМИ равонашуда пешниҳод менамоянд........саҳифаи 27

14. Варақаи иттилоотӣ: Иштироки ҷавонон (СММ)................................................саҳифаи 28

15. Далелҳо: Солими ҷавонон (Fact Sheet: Health of Young People) Ташкилоти Умумиҷаҳонии ҳифзи саломатӣ (WHO)........................................................... саҳифаи 30

16. «Ҳамшарикии калонсолон ва ҷавонон» маърӯзаи А.М. Куликов.......................саҳифаи 31

17. Хулоса..............................................................................................................саҳифаи 34

18. Нухсахои кӯтоҳкардаги..............................................................................саҳифаи 36

ОО "Молодое поколение Таджикистана"

## 1. Мукаддима

Яке аз сабабҳои асосии хавфҳои афзуншавандаи нисбати солимӣ, махсусан паҳншавии ҳолатҳои истеъмоли маводҳои нашъаовар, бемории вируси масъунияти инсон (БВМИ), бадшавии солимии репродуктивӣ ва беэътиноӣ нисбати ҳуқуқҳои репродуктивӣ байни ҷавонон - иштироки пасти ҷавонон дар марҳилаи банақшагирӣ, таҳия, инкишоф, татбиқ, мониторинг ва баҳогузории барномаҳо аз рӯи масъалаҳои зикршуда мебошад. Иштирок надоштани ҷавонон дар марҳилаҳои зикршуда сифати дониш ва малакаи пешниҳодшударо паст менамояд.

Дониши мавҷудбудаи ҷавонон оиди пешгирии БВМИ ва ҳифзи солими репродуктивӣ дар сурате, ки ба эътимод табдил ёбад, фоидаовар хоҳад буд. Ин бидуни таҷрибае, ки тавассути иштироки ҷавонон аз ҳама осонтар ба даст меояд, имконнопазир аст. Ҳар чи қадаре, ки иштирок дар лоиҳаҳои пешгирикунанда бошуурона ва фаъол гардад, рафтори ин ҷавонон ҳамон қадар бехавф мешавад, эътимоди устувор нисбати интихоби тарзи солими ҳаёт ташаккул меёбад.

**Иштирок** яке аз ҳуқуқҳои асосии инсон ба ҳисоб меравад. Ҷомеаи ҷаҳонӣ андеша дорад, ки ҷавонон ҳуқуқи изҳори фикри худро доранд. Расман, иштироки ҷавонон инчунин дар санадҳои ҳуқуқӣ-меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам сабт гардидааст.

Ташреҳи ба назари шумо пешниҳодгардида бо мақсади муттаҳид намудани шумораи зиёдтарини асосҳои илмӣ ва ҳуқуқӣ-меъёрие, ки зарурати «иштироки ҷавонон»-ро дар ҳамаи марҳилаҳои барномаҳо/лоиҳаҳои ҳифзи солимӣ тасдиқ менамояд, тартиб дода шудааст. Дар назар дошта мешавад, ки ташреҳ ба сарварони ҷавон барои шарҳ додани афзалияти иштироки худро дар нақшагирӣ, таҳия, инкишоф, татбиқ, мониторниг ва баҳогузории барнома ва лоиҳаҳо оиди нигоҳдории солимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳбарияти ташкилотҳои давлатӣ, байналмиллалӣ ва ҷамъиятӣ, ки оиди инкишофи ҷавонон қарор қабул менамоянд, кӯмак мерасонад.

ОО "Молодое поколение Таджикистана"

## 2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсат оиди ҷавонон»

### Баҳогузории умумии ҳуҷҷат.

Қонун дар бораи ҷавонон ва дар бораи сиёсат оиди ҷавонон маҷмӯи хурдтарини қоидаҳо ва дастурамалҳоро оиди ҷалби ҷавонон ба раванди иштирок мебошад.

**Ба қатори афзалиятҳои ҷиддии қонуни мазкур** нишондодҳои дар моддаҳо сабтшуда оиди ҷалби ҷавонон ва ташкилотҳои ҷамъиятии ҷавонон (тибқи муқаррароти қонуни мазкур) ба раванди таҳия ва мутобиқгардонии сиёсат дар соҳаи ҷавонон шомил намудан мумкин аст.

**Ба норасоиҳо оиди таъмини иштироки ҷавонон дар қонуни мазкур дохил мешаванд:**

- мавҷуд набудани мафҳуми иштирок, ки ин истилоҳро хеле васеъ шарҳ медиҳад ва на ҳамеша бо мафҳуми қабулгардидаи «иштироки ҷавонон»-ро мувофиқат менамояд;

- мавҷуд набудани моддаи алоҳида оиди масъалаи иштироки ҷавонон дар раванди қабули қарорҳо дар ҳамаи марҳилаҳо ва дар ҳамаи сатҳҳо. Гарчанде ки дар қонуни мазкур моддаи 29 «Шӯро оиди кор бо ҷавонон» сабт шудааст, ки дар он имкониятҳои иштироки ҷавонон дар раванди ҳамоҳангсозӣ, назорат, пешниҳоди афкори гурӯҳҳои алоҳидаи ҷавонон, имконияти ҳузур доштан дар ҷаласаҳо ва маҷлисҳои мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ тавассути намояндаҳои худ аз ташкилотҳои ҷамъиятии ҷавонон зикр шудаанд;

- қисми асосии моддаҳои қонуни мазкур амалҳои сиёсати ҷавононро дар соҳаҳои гуногуни сиёсати давлатӣ оиди ҷавонон инъикос менамоянд, на иштироки ҷавононро дар амалигардонии амалҳои мазкур;

Қонуни мазкур 15 июли 2004 сол таҳти № 52 қабул шудааст.

Тибқи Қонуни ҶТ «Дар бораи ҷавонон ва сиёсат оиди ҷавонон» (аз 25 июли соли 2004 № 52). Дар сархати қонуни мазкур изҳор шудааст, ки *«Қонуни мазкур, асосҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ-иқтисодии тарбия, ташаккул ва инкишофи ҷавононро муқаррар намуда, принсип ва чораҳои татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи истифодаи самараноки иқтидори зеҳнӣ ва рӯҳии ҷавонон, ки ба самти манфиатҳои ҷамъият равона шудааст, муайян мекунад».*

**Воқеан қонуни мазкур худудҳои ҳуқуқии иштироки ҷавононро муқаррар намуда, инчунин мафҳумҳои зеринро шарҳ медиҳад:**

- ***ҷавонон,*** *гурӯҳи иҷтимоӣ-демографӣ, ки шахсони синнусолашон аз 14-30 фаро мегирад:*

- ***иттиҳодияи ҷамъиятии ҷавонон,*** *ташкилоти ихтиёрӣ, ки бо ибтикори ҷавонони дар асоси умумияти манфиатҳо барои ҳалли мақсад, вазифа ва ҳифзи иҷтимоӣ муттаҳидшаванда созмон дода мешавад;*

- ***оилаи ҷавон****, ки дар он ҳамсарон, ё яке аз онҳо, ба синни сисолагӣ нарасидааст, инчунин во-*

ОО "Молодое поколение Таджикистана"

*лидайни синнусолашон то 30сола, ки фарзандони ноболиғ доранд;*

***- муассисаи иҷтимоӣ (хадамот) барои ҷавонон****, шахси ҳуқуқӣ, новобаста аз шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва моликият, ки ҷавононро дастгирӣ менамояд, ба он хизматрасонии иҷтимоӣ, маишӣ, тиббӣ, равонӣ-маърифатӣ мерасонад, кӯмаки моддӣ ва молиявие, ки мутобиқшавиии иҷтимоӣ ва равонӣ ва барқароршавиро таъмин мекунад, муҳайё менамояд.*

***- зерсохторҳои инфрасохтории ҷавонон****, маҷмӯи омилҳо ( иншоотҳо, биноҳо, таҷҳизот), ки барои фаъолияти ҷавонон заруранд, инчунин муассисаҳое, ки ба ҷавонон ҳифз, тарбия, таълим, инкишофи ҷисмонӣ, саёҳат, шуғл ва дигар талаботҳои иҷтимоиро таъмин мекунад;*

**- сиёсати давлатӣ оиди ҷавонон**, низоми ягонаи чорабиниҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва тарбиявӣ, ки аз тарафи мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ташкилот ва муассисаҳо, новобаста аз шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва моликият, иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон ва шаҳрвандон бо мақсади таъмини тарбия ва таълим, ташаккул ва инкишофи ҷавонон, ҳифзи ҳуқуқӣ ва истифодаи самараноки иқтидори он ба манфиатхои ҷамъият амалӣ ва татбиқ мегарданд.

**Аз муқаррароти тибқи қонуни мазкур пешниҳодгардида нуктаҳои зеринро қайд кардан зарур аст:**

- мафҳуми ҷавон тибқи талаботи синнусолӣ саҳеҳ муайян карда шудааст. Табиист, ки ҷавонон аз ду категорияи дар майдони ҳуқуқӣ ҷудошаванда иборатанд, азҷумла кӯдакон – шахсоне, ки синнусолашон ба 18 нарасидааст ва шахсони баркамол – шахсоне, ки масъулияти пурраи ҳуқуқиро доранд.

- Мафҳуми иттиҳодияи ҷамъиятии ҷавонон саҳеҳ дода шудааст, ки зери он тибқи тавсифномаи пешниҳодшудаи иттиҳодияти ҷамъиятии ҷавонон аксарияти гурӯҳҳои ҷавононро фаро хоҳанд гирифт. Ғайр аз ин, қайд кардан зарур аст, ки мафҳуми «иштирок» дар қонуни мазкур оварда нашудааст, ва ин ба таври автоматикӣ «иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавононро» ба мафҳуми «иштирок» мафҳуми наздиктарин менамояд.

- Тибқи мафҳумҳо, ҳар кадом шахси ҳуқуқие, ки бо ҷавонон фаъолият менамояд, «муассисаи иҷтимоӣ (хадамот) барои ҷавонон» мебошад ва дар татбиқи «сиёсати давлатӣ оиди ҷавонон» иштирок варзида метавонад.

Дар моддаи 3 «Ҳадафҳо ва принсипҳои сиёсати давлатӣ оиди ҷавонон» яке аз принсипҳо, ки ба он сиёсати давлатӣ оиди ҷавонон асос меёбад, бевосита нишон дода шудааст, алалхусус:

- ҷалб намудани ҷавонон ба иштироки бевосита дар ташаккул ва татбиқи сиёсат ва барномаҳои вобаста ба ҷавонон;

ва он зарурати иштироки ҷавононро дар раванди таҳияи сиёсат ва барномаҳои соҳаи ҷавонон

нишон медиҳад.

Қонуни мазкур маҷмӯи хурдтарини шароитҳои таъмини иштироки ҷавононро муаррифӣ менамояд. Хусусияти асосӣ лаҳзаеро, ки қонуни мазкур байни мафҳуми иштироки ҷавонон дар раванди таҳия ва татбиқ ва мафҳуми иштироки ҷавонон дар раванди татбиқ хатти маҳдудкунандаро нагузорад. Ҳамин тариқ, як қатор моддаҳои қонуни мазкур метавонанд аз нуқтаи назари мавқеи иштироки ҷавонон гуногун маънидод карда шаванд, алалхусус:

**Моддаи 4. Самтҳои асосии амалигардонии сиёсати давлатӣ оиди ҷавонон (бандҳо):**

- дастгирии фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон;

- таъмини иштироки ҷавонон дар ҳалли вазифаҳои инкишофи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва маданӣ ва дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ.

Омили муҳим он аст, ки қонуни мазкур механизмҳои таъмини тарзи корбарии илмӣ дар таҳияи сиёсати ҷавононро дорад, бо саҳеҳ нишон додани он ки ҳангоми таҳияи чунин сиёсат дар доираи гузаронидани таҳқиқот ва баҳогузорӣ иштироки ҷавонон қисми ҷудонашавандаи он маҳсуб мешавад. Ғайр аз ин, қонуни мазкур раванди доимии иттилоотонии ҷавонон ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон дар бораи таҳия ва амалигардонии сиёсати ҷавононро дар бар мегирад.

**Моддаи 5. Асосҳои илмӣ ва таъмини иттилоотии сиёсати давлатӣ оиди ҷавонон (банд):**

- Мақомотҳои иҷрояи ҳокимияти давлатӣ дар ҳамкорӣ бо Академияи улуми ҷумҳурӣ, дигар муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ, азҷумла соҳавӣ, дар ҳамкорӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва шӯроҳо таҳқиқоти илмиро дар соҳаи сиёсати давлатӣ оиди ҷавонон ташкил менамоянд ё ба иҷроиши чунин таҳқиқот мусоидат мекунанд.

Дар боби 2 «Асосҳои ташкилии амалигардонии сиёсати давлатӣ оиди ҷавонон» мақомотҳои идоракунӣ ва ваколатҳои сатҳҳои гуногуни мақомотҳои давлатии барои амалигардонии ин сиёсат масъул зикр гардидаанд. Оиди иштирок танҳо як банд дар бораи ваколатҳои ташкилотҳои ғайридавлатӣ дар соҳаи амалигардонии сиёсати давлатӣ оиди ҷавонон оиди иштироки ҷавонон зикр шудааст, дар ҷабҳаи иштирок дар амалигардонии сиёсати давлатӣ оиди ҷавонон мавҷуд аст

ОО "Молодое поколение Таджикистана"

## 3. Консепсияи миллии сиёсат оиди ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Консепсия бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни 2006 сол № 228 тасдиқ шудааст.

Консепсияи мазкур соҳаи ҳалталаби вобаста ба ҷавононро ташаккул медиҳад, ҳадаф, принсипҳои асосӣ, самтҳои афзалиятнок ва амалҳоро дар доираи амалигардонии сиёсати давлатии ҷавонон муқаррар менамояд.

Ҳангоми гузаронидани таҳлил аз рӯи консепсияи мазкур аз нуқтаи назари иштироки ҷавонон қайд кардан зарур аст:

- консепсия принсипи иштироки ҷавононро «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатӣ оиди ҷавонон»-ро инъикос менамояд. Ҳангоми муқаррар намудани мушкилот ва гузоштани вазифаҳо дар консепсияи мазкур изҳор шудааст: «Ҳалли бомуваффақияти ин вазифаҳои дурнамо бидуни иштироки самараноки ҷавонон дар ин равандҳо имконнопазир аст».

- принсипҳои асосӣ ва самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ оиди ҷавонон дар навбати худ иштироки бевоситаи ҷавононро инъикос намекунад, ки ин ба норасоии консепсияи мазкур дохил мешавад.

Хулосаи мухтасари Консепсияи миллӣ оиди ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз мавқеи инкишоф ва мусоидати иштироки ҷавонон зарурати таъмини иштироки ҷавононро эътироф мекунад, аммо принсипҳои саҳеҳи иштирок ва механизмҳои таъмини иштироки ҷавононро дар бар намегирад.

Консепсия ба таҳлили вазъияти ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ибтикорҳои минбаъдаро ҳам барои ҷавонон, ҳам умуман барои Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфтааст. Дар доираи таҳлили худ, консепсия зарурати иштироки ҷавононро таъкид менамояд ва эътироф менамояд, ки ба категорияи ҷавонон дар марҳилаи қабули Консепсия 35% аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешавад. Аммо мафҳуми саҳеҳи иштирок, ташаккули омилҳои иштирок муқаррар нашудааст. Масалан, иштирок дар раванди қабули қарорҳо, иштирок дар баҳогузории мушкилоти ҷавонон, иштирок дар амалигардонии сиёсати давлатӣ оиди ҷавонон ва ғ. Воқеан, консепсияи мазкур дар самти иштирок афзалиятҳоро дақиқ накардааст.

**Ҳадафи асосии сиёсати давлатӣ оиди ҷавонон.** Он ба ташаккули шаҳрвандӣ ва татбиқи шахсии иҷтимоии ҷавонон равона карда шудааст. Ва танҳо як банди он оиди комёбшавии ба ҳадафи гузошташуда масъалаи иштироки ҷавононро бевосита инъикос менамояд:

- дастгирӣ ва водоркунии ибтикори мусбии ҷамъиятии ҷавонон;

**Принсипҳои асосии сиёсати давлатӣ оиди ҷавонон** низ робитаи бевоситаро бо масъалаи иштироки ҷавонон надоранд ва бештар ба самти хизматрасонии ҷавонон оиди доираи васеи масъалаҳо равона карда шудаанд.

ОО "Молодое поколение Таджикистана"

**Самтҳои асосии афзалиятноки сиёсати давлатӣ оиди ҷавонон.** Ба монанди стратегия он ба хизматрасонии ҷавонон равона карда шудаанд, масалан: соҳаи ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳо, таълим, инкишофи иқтисодии ҷавонон, ҳифзи иҷтимоӣ ва ғ. Ҳангоми баррасии банди мазкур аз мавқеи ҷавонон он масъалаи мазкурро зимнан тавассути банди «мусоидат ба инкишофи иттиҳодияҳои ҷавонон ва кӯдакон» инъикос менамояд. Ҳангоми ташреҳи мушаххаси банди мазкур мушоҳида мешавад, ки дар доираи он дастгирии давлатии ибтикорҳои иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ тавассути пешниҳоди воситаҳои ба самти амалигардонии консепсияи мазку рва сиёсати давлатӣ оиди ҷавонон дар назар дошта шудааст.

Инчунин қайд кардан зарур аст, ки дар консепсия мафҳуми самтҳои афзалиятнок ва механизмҳои асосии амалигардонии сиёсати давлатӣ оиди ҷавонон бо назардошти нуктаҳои зерин созмон дода мешавад:

- *тарбияи шаҳрванде, ки таърих ва маданияти кишвари худро, комёбиҳои иқтисодӣ, илмӣ, адабиёт ва санъатро медонад ва ғанӣ мегардонад, дар ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ, сохторҳои давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, азҷумла дар кори иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон ва кӯдакон фаъолона иштирок менамояд.*

Ва дигар инъикоси бевоситаи иштироки ҷавонон дар консепсияи мазкур дар банди «Дастгирии ибтикорҳои ҷамъиятии дорои аҳамият, фаъолияти ҷамъиятӣ-сиёсии ҷавонон, иттиҳодияҳои ҷавонон ва кӯдакон» ба назар мерасад, алалхусус:

- *водоркунии чораҳо оиди дар сатҳи ҷумҳурӣ ва вилоят дастгирӣ намудани ибтикорҳои ҷамъиятӣ оиди ҷалби ҷавонон ба фаъолияти машваратии ҳокимияти қонунгузорӣ ва иҷроия дар соҳаи сиёсат оиди ҷавонон, оиди паҳни таҷрибаи ташкил ва фаъолияти мақомотҳои машваратӣ оиди масъалаҳои ҷавонон дар мақомотҳои зикршуда.*

ОО "Молодое поколение Таджикистана"

## 4. Барномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» барои солҳои 2010-2012».

**Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли 2009 сол № 372 тасдиқ гардидааст.**

Барномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» барои солҳои 2010-2012 қисман масъалаиштироки ҷавононро инъикос менамояд. Чун пешина, оиди иштироки ҷавонон муқаррароти мушаххас ва бошуурона мавҷуд нест. Ғайр аз ин, худ далели иштироки ҷавонон дар доираи муқаддимаи барномаи мазкур ва натиҷаҳои интизоршаванда инъикос мешавад. Маҷмӯи алоҳидаи амалҳо оиди таъмини иштироки ҷавонон дар барномаи мазкур мавҷуд нест ва ин ҳам аҷиб нест, зеро худ иштироки ҷавононро ҳамчун воситаи боз ҳам босамари таҳия, татбиқ ва баҳогузории барномаҳои давлатӣ дар самти ҷавонон баррасӣ кардан зарур аст. Ҳамзамон маҷмӯи амалҳо дар соҳаҳои гуногуне, ки бевосита ҷавононро фаро мегиранд, мавҷуд аст (тарбияи шаҳрвандӣ, некӯаҳволии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, солмии ҷавонон, варзиш), аммо дар ҳеҷ кадом банд лаҳзаи ҷалби ҷавонон ба нақшагирии амалҳои мушаххас ва баҳогузорӣ мушоҳида намешавад. Ҳамин тариқ, барномаи давлатӣ бандҳоро оиди иштироки ҷавонон дорад, аммо амалҳои мушаххасро оиди истифода онҳо мавҷуд нест.

**Дар муқаддамаи барномаи зикргардида зарурат ва аҳамияти иштироки ҷавонон чанд маротиба қайд карда шудааст:**

- *Моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатӣ оиди ҷавонон» ба ташкилотҳои ҷамъиятии ҷавонон бахшида шудааст ва дар он мақоми ҳуқуқии иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон ва дастгирии онҳо аз ҷониби давлат инъикос гардидааст.*

*Масъалаи фаъол намудани амалҳои иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон тавассути ҷудо кардани грантҳо бо мақсади равона кардани қувваи онҳо ба самти баланд бардоштани фаъолнокии сиёсии ҷавонон ва маърифатнокии сиёсии яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа маҳсуб мегардад. Зеро ҷалби ҷавонон ба омӯзиши дониш, илм ва интихоби дурусти роҳи зиндагиро метавон тавассути иттиҳодияҳои ҷамъиятии иборат аз ҷавонон ба роҳ монд.*

- *Иштироки фаъоли ҷавонон дар ҳаёти сиёсӣ-ҷамъиятӣ дар раванди инкишофи минбаъдаи ҳама гуна давлат мавқеи муҳимро мебозад.*

- *Имрӯз зарурати он пайдо шудааст, ки сиёсати давлатӣ оиди ҷавонон бояд дар сатҳи дигар таҳия ва коркард гардад, бояд роҳҳои самараноки татбиқи он дар мувофиқа бо мақомотҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ-сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷавонон ва кӯдакон, иттиҳодияҳои касбӣ, коллективҳои меҳнатӣ роҳандозӣ шаванд ва дар ин замина механизмҳои татбиқи сиёсати давлатӣ оиди ҷавонон тибқи талаботи замон такмил дода шаванд.*

**Инчунин натиҷаҳои интизоршаванда аз татбиқи барнома чунинанд:**

- баланд бардоштани фаъолнокии иҷтимоӣ ва сиёсии ҷавонон, фаъол намудани мавқеи ҳаётии онҳор, таъмини омодагии ҷавонон ба иштирок дар ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсии кишвар;

- мусоидати иштироки худи ҷавонон дар раванди таҳия ва татбиқи барномаҳо ва лоиҳаҳои пешгирикунанда оиди масъалаҳои солимии репродуктивӣ, пешгирии бемориҳои бо роҳи ҷинсӣ сирояткунанда.

ОО "Молодое поколение Таджикистана"

## 5. Барномаи давлатии «Инкишофи солимии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар солҳои 2011-2013. Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 октябри 2010 сол № 561 тасдиқ гардидааст

Ҳуҷҷати мазкур ҳисоботро оиди Дастовардҳои татбиқи Барномаи инкишофи солимии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2010 дар бар мегирад, ки дар он банди алоҳида «Соҳаи афзалиятнок 4. Иштироки ҷавонон дар барномаҳои ба самти инкишофи солими ҷавонон равонакардашуда, махсусан солимии репродуктивӣ, пешгирии бемориҳои сироятии бо роҳи ҷинсӣ сирояткунанда, БНМИ/СПИД, нашъамандӣ» мавҷуд аст. Ҳангоми таҳлили банди мазкур маълум мегардад, ки дар зери мафҳуми иштироки ҷавонон иштироки онҳо дар фаъолияти марказҳо ва ташкилотҳои гуногун ба сифати ихтиёриён ва иҷрокунандагони чорабиниҳои маърифатӣ-иттилоотӣ оиди тарзи ҳаёти солим байни ҳамсолон дар назар дошта мешавад. Дар доираи дастовардҳои барнома дар солҳои 2006-2010 иштироки ҷавонон дар таҳия ваа баҳогузории амалҳои барнома, баҳогузории барномаи мазкур ба қайд гирифта нашудааст. Воқеан, ин санад инчунин мафҳуми «иштироки ҷавонон»-ро дар бар намегирад.

Дар доираи вазифаҳои барнома барои солҳои 2011-2013 вазифаи «Фаъол намудани иштирок ва баланд бардоштани масъулияти ҷавонон дар барномаҳои мақ саднок дар самти инкишофи солим» гузошта шудааст. Вазифаи мазкур дар доираи барнома нишондиҳандаи мушаххас, роҳҳои татбиқ ва шахсони масъулро надорад. Аз рӯи ҳисоботи барномаи мазкур дар давраи 2006-2010 тахмин кардан мумкин аст, ки маҳаки асосии он иштироки ҷавонон ба сифати иҷрокунандагон/шарикони барномаҳо ва лоиҳаҳои аллакай таҳияшуда хоҳад буд.

Далели дигари иштироки ҷавонон ба сифати иҷрокунандагон боби барнома дар бораи самтҳои афзалиятноки барнома мебошад, ки бо муқаррароти зерин оғоз мешавад: «Иштироки ҷавонон дар чорабиниҳои иттилоотӣ-маърифатӣ ва оммавии татбиқи стратегияи «Ибтикорҳои дӯстона ба самти ҷавонон». Дар чунин шакл муқаррароти мазкур механизм ва усулҳои иштироки ҷавононро пешниҳод наменамояд. Танҳо он далелро, ки ҷавонон ҷузъи ҷудонашавандаи ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳастанд, қабул кардан мумкин аст ва гуфтан мумкин аст, ки ин яке аз бандҳои моҳияти эъломиявӣ дошта мебошад, ки инкишофи имкониятҳо ва иштироки ҷомеаи шаҳрвандиро инъикос мекунад.

Ғайр аз ин, агар ба нақшаи чорабиниҳои барнома назар андозем, «Соҳаи афзалиятнок 1. Иштироки ҷавонон дар чорабиниҳои иттилоотӣ-маърифатӣ ва оммавӣ оиди татбиқи стратегияи «Ибтикорҳои дӯстона дар самти ҷавонон» инчунин чорабиниҳоеро дар бар мегирад, ки дар як қатор маврид дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ татьиқ мешаванд ва дар ҳайати онҳо эҳтимол ташкилотҳои ҷамъиятии ҷавонон шомиланд. Ғайр аз ин, ҳуди чорабиниҳо дар мундариҷаи худ унсури иштироки ҷавононро надоранд, ба истиснои яке аз 17 банд «Дастгирии устувории фаъолияти ибтикорҳои ҷавонон, азҷумла Клубҳои ҷавонони ихтиёрӣ оиди гузаронидани чорабиниҳои иттилоотӣ-маърифатӣ дар маҳалҳо».

ОО "Молодое поколение Таджикистана"

**Соҳаи афзалиятнок 2. Инкишофи имкониятҳо ва иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ, азҷумла фаъол гардонии ҷомеаи маҳаллӣ**. Банди аз ҷиҳати иштироки ҷавонон муҳимро дар борои дастгирии фаъолияти Ташкилотҳои муттаҳидаи ҷавонони Тоҷикистон» (ТМҶТ) «Доир намудани машваратҳои ТМҶТ оиди баррасии масъалаҳои ба самти вазъият ва дурнамои инкишофи имкониятҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ равонашуда»-ро дар бар мегирад. Чорабинии пешниҳодшаванда худ яке аз воситаҳои асосии иштироки ҷавонон дар масъалаҳои банақшагирӣ, баҳогузорӣ ва таҳияи барномаҳои нав махсуб мешавад. Аммо тавсифи нисбатан ҷузъии фаъолият ва вариантҳои истифодаи ТМҶТ дар барнома нишон дода нашудаанд ва ин имконияти хулосабарории боэътимодро оиди масъалаҳои иштироки ҷавонон имкон намедиҳад.

Соҳаи афзалиятноки 2 инчунин ду чорабинии самтнок ва барои инкишофи иштироки ҷавонон мусоидкунандаро дар бар гирифтааст:

- *Таҳияи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва амаливӣ оиди дастгирии ташкилотҳои ҷамъиятии ҷавонон;*

- *Дастгирии фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ибтикорҳои ҷавонон оиди татбиқи чорабиниҳои иттилоотӣ-маърифатӣ дар маҳалҳо, азҷумла деҳот;*

Масъалаҳои дастгирии ташкилотҳои ҷавонон хеле муҳиманд. Бешак, мавҷудияти заминаи бошуури ҳуқуқӣ ва барномаҳои мунтазам оиди дастгирии ибтикорҳои ҷавонон, масхусан дар маҳалли деҳот, ба иштироки ҷавонон мусоидат мекунанд. Аммо, бутунии раванди иштироки ҷавонон мисли пештара риоя намешавад, зеро масъалаҳои иштирок дар нақшагирӣ ва баҳогузорӣ нишон додпа нашудаанд.

Натиҷаи интизоршавандаи барнома нишон медиҳанд, ки иштироки ҷавонон – натиҷаи бевосита аст.

- *иштироки бевоситаи ҷавонон дар таҳия ва татбиқи барномаҳо барои гурӯҳҳои мақсаднок таъмин шудааст;*

- *иқтидори Ташкилоти Муттаҳидаи Ҷавонони Тоҷикистон оиди инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ, азҷумла ташкилотҳои ҷамъиятии ҷавонон, ки тавассути онҳо механизми дастгирии ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи хизматрасонии дӯстона дар самти ҷавонон дар маҳаллҳо ва маҳалли деҳот тарҳрезӣ шудааст, мустаҳкам гардидааст.*

Натиҷаҳои мазкур пурра ба чорабиниҳои банақшагирифташуда мутобиқат меноянд, ва чуноне ки дар боло зикр гардид, ҷанбаҳои иштирок аз қабили банақшагирӣ ва баҳогузориро дар назар надоранд.

ОО "Молодое поколение Таджикистана"

## 6. Стратегияи сиёсати давлатӣ оиди ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то 2020 сол.

**Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 октябри 2011 сол № 480 тасдиқ гардидааст.**

*Стратегияи сиёсати давлатӣ оиди ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то 2020 сол (минбаъд - Стратегия) санади муқарраркунандаи сиёсат ва инъикоскунандаи амалҳои татбиқшавандаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи миёнамӯҳлат мебошад ва ба афзалиятҳои асосии Стратегияи рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст.*

Қайд кардан зарур аст, ки стратегияи мазкур иштироки ҷавононро нисбатан пурра инъикос намуда, афзалиятҳоро дар самти иштироки ҷавонон дар ҳамаи барномаҳои сиёсати давлатӣ оид ба ҷавонон муқаррар менамояд. Ҳамчунон дар муқаррароти умумии стратегияи мазкур оиди иштироки ҷавонон ба сифати иҷрокунандагон қайд шудааст, ки :

- *Стратегияи сиёсати давлатӣ оиди ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Стратегия) то соли 2020 таҳия шуда, маҷмӯи самтҳои афзалиятноки ба самти ҷавонон равонашуда ва вазифаҳои вобаста ба иштироки ҷавонон дар татбиқи лоиҳаҳои афзалиятноки миллиро фаро мегирад.*

Иштироки ҷавонон дар раванди таҳияи барномаҳо джар банди 2 қайд шудааст:

Сиёсати давлатӣ оиди ҷавонон:

- *Сиёсати давлатӣ оиди ҷавонон* аз ҷониби мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ ва мақомотҳои иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо иштироки иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон ва кӯдакон, ташкилотҳои байналхалқӣ ва дигар шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ташаккул ва татбиқ мегардад.

Инчунин дар банди 3) Мақсадҳо ва принсипҳои татбиқи Стратегия, ки дар он қайд шудааст, ки яке аз принсипҳои татбиқи стратегия:

- *иштироки шаҳрвандони ҷавон дар таҳия ва татбиқи самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ оиди ҷавонон мебошад.*

Ғайр аз ин, дар масъалаи баҳогузорӣ, ки дар он ҷавонон иштирок меварзанд, дар банди 3) стратегияи мазкур қайд шудааст:

- *мустақилияти баҳогузории натиҷаҳои Стратегия.*

Оиди иштироки бевоситаи ҷавонон дар баҳогузорӣ аниқ гуфта нашудааст, аммо бе иштироки он баҳогузории мустақилро ба даст овардан мушкил хоҳад буд, бо назардошти он ки Стратегия ва барномаҳои Стратегияи мазкур маҳз барои ҷавонон таҳия гардидааст. Ғайр аз ин дар муқаррароти хотимавӣ қайд шудааст:

*25) дар шароити ҷомеаи муосир ва талаботҳои афзуншаванда нисбати сармояи инсонӣ сиёсати давлатӣ оид ба ҷавонон бояд ба воситаи инкишоф ва табдили кишвар мубаддал гардад. Ин аз ҳамаи иштирокчиёни раванди ташаккули иҷтимоии ҷавонон таҳия ва татбиқи ботадриҷи усулҳои ҷалбкунии ҷавонон ба ҳалли мушкилотҳои шахсӣ ва вазифаҳои умумихалқӣ равонашударо талаб менамояд.*

*Вазифахои сиёсати давлатӣ оиди ҷавонон дар чунин миқёс метавонанд танҳо тавассути истифодаи усулҳои лоиҳавӣ, ташаккули низоми лоиҳаҳои ҷавонон, ки дар самтҳои афзалиятноки Стратегия заминагузорӣ шудаанд ва дар муҳити ҷавонон фаҳмо ва заруранд, ҳалли худро ёбанд.*

Стратегияи мазкур инчунин механизми таъмини иштироки ҷавонон дар татбиқи барномаҳо соҳаи ҷавононро дар бар мегирад. Дар доираи лоиҳаи мазкур он чун «гузаронидани озмунҳо барои лоиҳаҳо ва чорабиниҳои ба самти ҳалли як ё якчанд вазифаи аз ҷониби Стратегия ва самтҳои мутобиқи афзалиятнок муқарраргардида» тарҳрезӣ шудааст. Ҳамин тариқ, ин м маънои онро дорад, ки барнома ва лоиҳаҳои дар доираи ин Стратегия таҳиягардида бояд дар шакли лоиҳаҳои дар доираи дархости давлатӣ татбиқшаванда пешниҳод гарданд ва дар татбиқи лоиҳаҳои мазкеур ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон иштирок карда метавонанд. Бинобар ин дар банди 5) Чораҳои татбиқи Стратегия ва 6) механизми татбиқи Стратегия қайд шудааст:

- Стратегия мақсад ва андозаҳои асосии ҳар кадоме аз лоиҳаҳоро муқаррар менамояд. Мундариҷаи махсуси онҳо аз ҷониби худи ҷавонон ва ташкилотҳо, намояндагони онҳо дар қаламрави ҷумҳурӣ ташкил ва татбиқ мегардад. Ҳамин тариқ, ҳар кадоме аз лоиҳаҳо фаъолияти лоиҳавӣ ва инноватсионии он ташкилотҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавононе, ки вариантҳои беҳтарини татбиқи он, босамар ба мақсад расиданро пешниҳод мекунанд, муттаҳид хоҳад кард.

- Барои ҷалби иҷрокунандагони самти афзалиятнок, пеш аз ҳама аз ҷумлаи мақомотҳои салоҳиятдори ҳокимияти давлатӣ оиди кор бо ҷавонон ва ташкилотҳои ҷамъиятии дар самти ҷавонон фаъолиятбаранда, озмунҳо гузаронида мешаванд. Матлаби ин озмунҳо интихоби лоиҳаҳо ва чорабиниҳои ба ҳалли як ё якчанд вазифаи дар Стратегия ва самтҳои афзадиятноки мутобиқ муқарраргардида равонашуда хоҳанд гардид.

Хулосаи мухтасари Стратегияи мазкурро оварда, гуфтан ҷоиз аст, ки он аз мавқеи иштироки ҷавонон яклухт аст, воситаи асосии таъмини иштироки ҷавононро дар татбиқи сиёсати давлатӣ оиди ҷавононро дар бар мегирад. Ва дар ҳолати истифодабарии чораҳои пешниҳодгардида оиди татбиқ дар ташкилотҳои мутобиқи ҷавонон Стратегияи мазкур вазифаи худро аз нуқтаи назари таъмини иштироки ҷавонон иҷро хоҳад кард. Тарафи заифи ин Стратегия мавҷуд набудани механизми таъмини иштироки ҷавонон дар раванди қабули қарорҳо оиди Стратегия, Консепсия, санадҳои қонунгузорӣ ва Барномаҳои давлатӣ мебошад.

ОО "Молодое поколение Таджикистана"

Дар шарҳи Стратегияи мазкур қайд шудааст, ки ҳуҷҷати мазкур бо намояндагони иттиҳодияҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятии ҷавонон муҳокима гардидааст, аммо новобаста ба ин механизми дақиқи таъмини иштироки ҷавонон дар раванди қабули қарорҳо ва баҳогузории барномаҳо, лоиҳаҳо, қонунҳо, стратегия ва консепсияҳо пешниҳод нашуд.

## 7. Қарордоди қабулгардидаи Ассаблеяи Генералии СММ «Барномаи умумиҷаҳонии амалҳои вобаста ба ҷавонон то 2000 сол ва давраи минбаъда»

Ҳуҷҷати мазкур соҳахои ҳалталаби вобаста ба ҷавонон (10 соҳа: Маълумот/ Шуғл/ Гуруснагӣ ва қашшоқӣ/ Ҳифзи саломатӣ/ Муҳити атроф/ Сӯистеъмол аз маводи нашъаовар/ Ҷинояткорӣ дар байни ноболиғон/ Ташкили истироҳат/ Ҷавондухтарон ва занон/ Иштироки пурра ва самараноки ҷавонон дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва раванди қабули қарорҳо) муқаррар мекунад. Воқеан, ҳуҷҷати мазкур натиҷаи фаъолияти 10-солаи СММ дар самти ҷавонон мебошад ва самтҳои асосии фаъолияти минбаъдаро муқаррар менамояд.

Аз соҳаҳои ҳалталаб барои таҳлили мазкур масъалаи иштироки ҷавнон дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва раванди қабули қарорҳо ҷолиб аст. Аммо ҳуҷҷати мазкур мақсадеро дар бар мегирад, ки дар он қайд шудааст: *Барномаи амалҳо алалхусус ба чораҳои мустаҳкамкунии иқтидори миллӣ дар соҳаи ҷавонон ва васеъ гардонидани имкониятҳои сифатӣ ва миқдорӣ барои иштироки босамар ва мақсадноки ҷавонон дар ҳаёти ҷомеа равона карда шудааст.*

Дар хусуси банди «Иштироки пурра ва босамари ҷавонон дар ҳаёти ҷомеа ва раванди қабули қарорҳо»:

ОО "Молодое поколение Таджикистана"

## 8. Амалигардонии Барномаи умумиҷаҳонии амалҳои вобаста ба ҷавонон: инкишоф ва мушкилоти вобаста ба некӯаҳволии ҷавонон ва мавқеи онҳо дар ҳаёти ҷомеа. Маърӯзаи Котиби Генералӣ.

Хулоса: Маърӯзаи мазкур тибқи резолютсияи 62/126 Ассамблеяи Генералии СММ пешниҳод мегардад. Дар маърӯза комёбиҳои дастрасгардида ва мушкилотҳое, ки бо мавқеи ҷавонон дар ҳаёти ҷомеа ва ҳиссаи онҳо ба ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳамзамон комёбиҳо ва мушкилотҳои таъмини некӯаҳволии онҳо вобастаанд, баррасӣ гардидааст.

Оиди масъалаи иштироки ҷавонон маърӯзаи мазкурро ба ду қисмат ҷудо кардан мумкин аст.

Тарҳрезии комёбиҳо ва соҳаҳои ҳалталаб дар мавзӯи «Иштироки пурра ва самараноки ҷавонон дар ҳаёти ҷомеа ва қабули қарорҳо». Иттилооти мазкур бештар сатҳи умумиҷаҳониро фаро мегирад ва қайд менамояд, ки иштироки ҷавоно дар тамоми ҷаҳон, махсусан дар кишварҳои мутараққӣ бо мушкилоти зерин дучор мешапвад:

- иштироки таҳтуллафзии расмии ҷавонон
- сиёсат ва усулҳо бо ақидаи калонсолон тарҳрезӣ мешаванд ва ин саҳми ҷавононро маҳдуд менамояд.
- қобилияти гуногуни иштироки ҷавонон аз гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ-иқтисодӣ
- мавҷуд набудани захираҳои молиявӣ ва дигшар захираҳо барои фаъолияти устувори ташкилотҳои ҷавонон
- сатҳи пасти ҳамоҳангсозии фаъолияти ташкилотҳои ҷавонон

Мақсад ва нишондиҳандаҳои мақсаднок нисбати иштироки пурра самараноки ҷавонон дар ҳаёти ҷомеа ва қабули қарорҳо. Воқеан се нишондиҳандаи асосӣ пешбарӣ шудааст:

- шӯрои ҷавононе, ки дар қабули қарорҳои гуногун дар сатҳи маҳаллӣ самаранок иштирок карда метавонанд
- ташкили мақомоти миллӣ, масалан, шӯрои миллӣ оид ба ҷавонон то 2015 сол
- то 2015 сол таҳияи коркарди сиёсати миллӣ оиди масъалаҳои ҷавонон ва ҷудо кардани захираҳо барои татбиқи сиёсати мазкур

Қайд кардан зарур аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсат миллӣ оиди ҷавонон мавҷуд аст, ки аз маблағҳои буҷетӣ маблағгузорӣ мешавад ва мақомоти дахлдори давлатӣ оиди татбиқи сиёсат оиди ҷавонон низ вуҷуд дорад.

## 9. Қарордоди Ассамблеяи Генералии 64/130. Сиёсат ва барномаҳои вобаста ба ҷавонон.

Қарордод доири ташаккули сиёсат оиди ҷавонон дар соҳаҳои зерини афхзалиятнок тавсияҳоро дар бар мегирад: масъалаи мухолифатҳои ҳарбӣ, сӯистеъмоли маводи нашъаовар, муҳити зист, ҷавондухтарон ва занон, ҳифзи саломатӣ, БНМИ/СПИД, технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, муносибати наслҳо, адлия нисбати ноболиғон, ташкили истироҳат ва иштироки ҷавонон дар ҳаёти ҷомеа ва қабули қарорҳо.

Дар соҳаи афзалиятноки «иштироки ҷавонон дар ҳаёти ҷомеа ва қабули қарорҳо» тавсияҳои зерин дода шудаанд:

*13.Инчунин эътироф менамояд, ки амалӣ намудани Барномаи Умумиҷаҳонии амалҳои вобаста ба ҷавонон ва ноил шудан ба мақсадҳои рушд дар сатҳи ҷаҳонӣ, азҷумла онҳое, ки дар Эъломияи ҳазорсола тарҳрезӣ шудаанд, иштироки пурра ва самараноки ҷавонон ва ташкилотҳои ҷавононро тақозо менамояд ва бинобар ин давлатҳо-иштирокчиёнро водор месозад, ки баҳри иштироки пурра ва самараноки ҷавонон дар ҳаёти ҷомеа ва равандҳои қабули қарорҳо тавассути амалҳои зерин таъмин намоянд:*

*а) созмони шабакаҳои самараноки ҳамкорӣ ва мубодилаи иттилоот байни ҷавонон, ҳукумати кишварҳо ва дигар мақомотҳои идоракунанда.*

*б) ҳавасмандкунӣ ва рушди ташкилотҳои ҷавонон ва мақоми муҳими онҳо дар мусоидати иштироки ҷавонон дар ҳаёти ҷомеа, ташкили иқтидор ва пешниҳоди ташкилотҳои ғайрирасм ӣ тавассути дастгирии молиявӣ ва техникӣ, тарғиби фаъолияти онҳо.*

*в)дастгирии азҷумла мақомотҳои марказӣ ва маҳаллии давлатӣ, дастгирии ташкил ва фаъолияти шӯроҳои мустақили миллии ҷавонон ё мақомотҳои шабеҳ.*

*г) васеъ намудани иштироки ҷавонони маъюб дар раванди қабули қарорҳо баробари дигар ҷавонон ва ҷалби онҳо ба равандҳои мазкур.*

*ғ) ба ҷавонони маҳдуд ва ё аз ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ маҳдудкардашуда додани имконияти иштирок дар равандҳои қабули қарорҳо бо мақсади иштироки пурраи онҳо дар ҳаёти ҷомеа*

*14. Давлатҳо-иштирокчиёнро барои баррасӣ намудани масъалаи дар сатҳи миллӣ истифода намудани 11 ҳадаф ва нишондиҳандаҳои ҳадафӣ дар маърӯзаи Котиби Генералӣ пешниҳодгардида чун воситаи мусоидати назорати амалигардонии Барномаи умумиҷаҳонии амалҳои вобаста ба ҷавонон даъват менамояд.*

*15. Аз Котиби Генералӣ хоҳиш менамояд, ки баҳри таҳия ва пешниҳоди минбаъдаи маҷмӯи нишондиҳандаҳои эҳтимолии вобаста бо Барномаи умумиҷаҳонии амалҳои вобаста ба ҷавонон кӯшишро афзун намоянд, то ки ин ба кишварҳо дар баҳогузории вазъияти ҷавонон мусои-*

ОО "Молодое поколение Таджикистана"

*дат намояд, то ки ин маҷмӯи нишондиҳандаҳоро Комиссияи рушди иҷтимоӣ ва Комиссияи оморӣ зудтар баррасӣ намояд.*

*16. Саҳми мусбии намояндагони ҷавонон ва мақоми муҳими онҳоро чун воситаи алоқа байни ҷавонон ва СММ-ро дар кори Ассамблеяи Генералӣ ва дигар мақомотҳои СММ эътироф менамояд ва вобаста ба ин аз Котиби Генералӣ хоҳиш менамояд, ки ба Барномаи СММ вобаста ба ҷавонон, ба Департамент оиди масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии Котибот бо мақсади мусоидати минбаъдаи онҳо барои иштироки самаранок дар кори ҷаласаҳо дастгирии мутобиқро расонад.*

*17. Давлатҳо-иштирокчиёнро барои баррасӣ намудани масъалаҳо оиди воридсозии намояндагони ҷавонон ба ҳайати гурӯҳҳои дар муҳокимаи мутобиқи Ассамблеяи Генералӣ, Шӯрои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ва комиссияҳои амалкунандаи он, конфронсҳои СММ иштироккунанда бо тартиби муқарраргардида ва бо назардошти тавозуни баробарҳуқуқии марду зан ва бидуни поймолкунии ҳуқуқҳо даъват менамояд ва таъкид менамояд, ки раванди интихоби чунин намояндагон бояд транспарентӣ бошад, то ки онҳо ҳуҷҷати мутобиқи дорои ҳуқуқи намояндагии ҷавонони кишвари худро доро бошанд.*

*18. Зарурати таъмини намояндагии ботавозуни ҷуғрофии ҷавононро эътироф намуда, давлатҳо-иштирокчиён, ташкилотҳои байниҳукуматӣ ва ғайридавлатиро барои ворид намудани андӯхтҳо ба Фонди СММ баҳри ҷавонон бо мақсади мусоидати иштироки намояндагони ҷавонон аз кишварҳои тараққикардаистода даъват менамояд.*

*19. Ҳамкории дар солҳои охир паҳнгардидаи байни ташкилотҳои низоми СММ дар соҳаи рушди ҷавонон пазироӣ менамояд ва Барномаи СММ вобаста ба ҷавононро ба сифати ҳамоҳангсоз дар доираи низоми СММ бо мақсади ҳавасмандкунии ҳамкории минбаъда амал намуданро пешниҳод мекунад.*

**10. Хартияи аврупоии азнавбаррасишуда оиди иштироки ҷавонон дар ҳаёти ҷомеа дар сатҳи маҳаллӣ ва минтақавӣ. Аз ҷониби Конгресси ҳукуматҳои маҳаллӣ ва минтақавии Аврупо (10 Ҷаласа – 21 майи 2003 сол – Замима ба Тавсия 128) қабул гардидааст.**

Ҳуҷҷати мазкур масъалаи таъмини иштироки ҷавоно да ду соҳаро дар бар мегирад:

- стратегия оиди иштироки ҷавонон дар қисматҳо

- воситаҳои ҷалби ҷавонон ба ҳаёти ҷомеа

Гузаронидани таҳлил аз мавқеи иштироки ҷавонон маъно надорад, зеро ҳуҷҷат пурра ба мавзӯи мазкур бахшида шудааст. Дар назар доштан лозим аст, ки ҳуҷҷати мазкур ба ташакули стратегияҳо ва воситаҳои иштироки ҷавонон дар навбати аввал дар сатҳи маҳаллӣ, баъдан дар сатҳи минтақавӣ равона карда шудааст.

Ғайр аз ин дар сарсухани ҳуҷҷати мазкур муқаррароти иштироки ҷавононро аз мавқеи мақомотҳои маҳаллии давлатӣ пешниҳод менамояд, ки хусусияти муҳими ҳуҷҷати мазкур мебошад.

*Иштироки фаъоли ҷавонон дар раванди қабули қарорҳо ва фаъолият дар сатҳи маҳаллӣ ва минтақавӣ аҳамияти муҳим дорад, агар мо дар ҳақиқат мақсади сохтмони ҷомеаи бештар демократӣ, муттаҳид ва рушдёфтаро дошта бошем. Иштирок дар ҳаёти демократии ҳамаи ҷомеаҳо на танҳо бо овоздиҳӣ ё пешбароӣ намудани номзадии худ дар интихобот, ин ҳам албатта муҳим аст, маҳдуд мешавад. Иштирок дар ҳаёти ҷомеа ва мавқеи фаъоли шаҳрвандӣ мавҷудияти ҳуқуқҳо, воситаҳо, масоҳат ва имкониятҳо, ҳангоми зарурат – дастгириро дар назар дорад, барои иштирок дар равандҳои қабули қарорҳо ва таъсир ба ин равандҳо, иштирок дар фаъолияти гуногун бо мақсади сохтмони ҷомеаи беҳтар.*

*Мавқеи ҳокимияти маҳаллӣ ва минтақавӣ, ки ба ҷавонон наздиктаранд, дар самти ҷалб намудани ҷавонон ба ҳаёти ҷомеа хеле муҳим аст. Ҳамзамон ҳокимияти маҳаллӣ ва минтақавӣ на танҳо ба ҷавонон имконияти шинос намудани принсипҳои ҷомеаи демократии шаҳрвандиро медиҳанд, балки имконияти истифода намудани ин донишҳоро дар амал низ дода метавонанд. Аммо иштироки ҷавонон дар ҳаёти ҷомеа на танҳо бо ташаккули шаҳрвандони фаъол ва сохтмони демократия дар оянда маҳдуд мешавад. Барои он ки иштироки ҷавонон дар ҳаёти ҷомеа дар ҳақиқат маъно дошта бошад хеле муҳим аст, ки онҳо имконияти расонидани таъсир ба қарорҳо ва амалҳои пешгирифташударо дошта бошанд, инчунин онҳоро на танҳо дар давраи камолот, балки нисбатан пештар ташаккул додан лозим аст.*

*Иштироки ҷавононро дар ҳаёти ҷомеа дастгирӣ ва ҳавасманд намуда, ҳокимиятҳои маҳаллӣ ва минтақавии давлатӣ ба вуруди иҷтимоии ҷавонон мусоидат мекунанд, ба ҷавонон на танҳо дар ҳалли мушкилот, балки дар мубориза бо падидаҳои ҷомеаи муосир, ки дар онҳо гум кардани симои шахсӣ ва худпарастӣ хукмфармоанд, кӯмак мерасонанд. Барои иштирок*-



ОО "Молодое поколение Таджикистана"

*роки муваффақ, мӯътадил ва бошуури ҷавонон дар сатҳи маҳаллӣ ва минтақавӣ чизи аз рушд ва азнавташкилдиҳии низомҳои сиёсӣ ва маъмурӣ зиёдтаре талаб мешавад. Ҳама гуна стратегияҳо ва чораҳои барои фаъолгардонии иштироки ҷавонон дар ҳаёти ҷомеа равонашуда бояд дар муҳити эҳтиром нисбати ҷавонон ва бо назардошти талаботҳо, вазъият ва умедҳои гуногуни онҳо татбиқ гарданд. Ҳамзамон бояд омили фароғат ва завқ низ мавҷуд бошад.*

## 11. Ҷавонон дар Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ. Бонки Умумиҷаҳонӣ/Минтақаи Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ

Ҳуҷҷати мазкур баҳогузории мушкилоте, ки ҷавонмард ҳангоми гузариш аз таълим ба фаъолият ва татбиқи пурра ҳуқуқҳои шаҳрвандии худ дучор мешавад, дар бар мегирад. Ҳуҷҷат зикр мекунад, ки дар аксарияти минтақаҳои таҳлилшаванда фоизи ҷавонон афзун мешавад ва як қатор кишварҳо, азҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қатори кишварҳое дохил мешавад, ки фоизи ҷавонон зиёдтарин аст.

Ҳуҷҷат инчунин зикр мекунад, ки мушкилотҳои бузургтарин ин паст будани дастрасӣ ва сифати таълим, ки аз паси худ мушкилотҳои зиёдеро ба ҷавонон ва умуман ба ҷомеа тавлид месозад. Ғайр аз ин, бо назардошти инкишофи ҳисси шаккокии ҳуқуқӣ ва шаҳрвандӣ дар байни ҷавонон ҳуҷҷат масъалаҳои зеринро пеш мегузорад:

1. *Дар кишвари шумо барои ҳалли мушкилоти шуғли ҷавонон ва ҷомеа кадом ибтикорҳо қабул гардидаанд?*
2. *Кишвари шумо барои ҳалли мушкилоти шуғли ҷавонон ва ҷомеа ба чӣ ниёз дорад?*
3. *Ба ақидаи шумо кадом соҳаҳо диққати махсус додан зарур аст?*
4. *Қабули кадом ибтикорҳои махсусро дар оянда хоҳиш доред?*
5. *Оё шумо маълумоти мушаххаси дигареро оиди ҷавонон доред, ки онро ба иштирокчиёни дигари машварат хоҳиши пешниҳод доред?*

Қисмати муҳимтарини ҳуҷҷат аз мавқеи иштироки ҷавонон боби «Шаҳрвандии фаъоли ҷавонон: усули холистӣ нисбати инкишофи ҷавонон» мебошад. Дар он стратегияи умумии Иттиҳоди Аврупо дар соҳаи иштироки ҷавоно инъикос гардидааст, ки аз амалигардонии муштараки ибтикорҳои дар боло зикршудаи дастгирии иштироки бонизоми ташкилотҳои ҷавонон, дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои маҳаллӣ, миллӣ ва байналмиллалӣ иборат аст. Барномаҳои вобаста ба ҷавонон дар минтақаи Аврупо ва Осиёи Марказро тавассути ташкили алоқаҳои бонизом бо ҳукуматҳои маҳаллӣ ва давлатӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва сектори хусусӣ беҳтар гардонидан имкон дорад.

Дар минтақае, ки бештари барномаҳо оиди маърифати шаҳрвандӣ ва иштироки ҷавоно дар ҳаёти ҷомеа аксар вакт аз ҷониби иштирокчиёни байналмиллалӣ татбиқ ва маблағгузори мешавад, устувории ибтикорҳои ба ҷавонон таъиншударо тавассути рушд ва мустаҳкамкунии чораҳои асосӣ, ки аз ҷониби ҷомеаи ҷавонон дар маҳаллҳо амалӣ мешаванд, кафолат додан муҳим аст. Барои инкишофи малакаи ҳаётии ҷавонон ва ҷавондухтарон дар меҳнат, варзиш ва истифодаи вақти холӣ тавассути ташкили шароитҳои мутобиқи барои ҷавонон таъиншуда бисёр чизҳоро амалӣ кардан мумкин аст. Ҳамзамон ба қарорҳои дар сатҳи маҳаллӣ қабулшуда бо харҷҳои камтарин ва дастрасии васеъ барои ҷавонон афзалият додан лозим аст. Аммо ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, хеле муҳим аст, ки ин гуна ибтикорҳо бо мақсадҳои паҳншавии натиҷаҳои дар асоси кӯшиш эмпирикӣ бадастомада ба фоидаи ҷавонон сахтгирона баҳогузорӣ шаванд.

ОО "Молодое поколение Таджикистана"

## 12. Ҳуҷҷати мавқеъмуайянкунанда оиди иштироки ҷавонон дар барномаҳои пешгирии ВНМИ ва ҳифзи солимӣ. (Иттиҳодияи ташкилотҳои ҷавонони Тоҷикистон, Ташкилоти ҷамъиятии «Насли ҷавони Тоҷикистон», Шабакаи ҷавонон - Y-PEER Тоҷикистон)

Дар хулосаи ҳуҷҷати мазкур гуфтан мумкин аст, ки ин ҳуҷҷат нахустин ва танзимшуда оиди масъалаҳои иштироки ҷавонон дар барномаҳо дар соҳаи солимии ҷавонон бо сабабҳои зерин маҳсуб мешавад:

- Ҳуҷҷат ба қонунгузории ҶТ, санадҳо ва барномаҳои байналмиллалӣ ишораҳо овардаасмт. Қайд кардан зарур аст, ки бо сабаби он ки қонунгузорӣ ва дигар санадҳои расмии ҶТ механизмҳои саҳеҳи дарк ва таъмини иштироки ҷавононро надоранд, ишораҳо ба қонунгузории миллӣ эътирофи мақоми муҳим ва иқтидори ҷавононро дар бар мегиранд.

- Дар навбати худ ҳуҷҷати мавқеъмуайянкунанда мафҳуми «иштироки ҷавонон дар барномаҳо оиди солимӣ пурра тарҳрезӣ кардааст: *«Принсипи иштироки ҷавонон – ҷалби ҷавонон дар соҳаи банақшагирӣ, рушд, татбиқ, мониторинг ва баҳогузории барномаҳои беҳтаргардонии солимӣ ва пешгирии ВНМИ дар бар мегирад. Ин маънои онро дорад, ки ҷавонон барои иштирок дар чунин барномаҳо дар марҳилаи таҳия (ҳуқуқи изҳоркунӣ, иштирок дар коркарди қарорҳои мутобиқ) то марҳилаи хотимавӣ ва баҳогузории самаранокии он ҳуқуқ доранд. Дар навбати аввал ин амалҳои ба инкишофи қобилиятҳои ҷавонон равонакардашуда, пешниҳоди имкониятҳои васеъ ва мустаҳкамкунии муҳити нек ва дастгирикунанда аст. Дар натиҷа муносибати ҷавонон нисбат ба саломатӣ, рафтори хавфнок ва ҷомеаи калонсонон мусбӣ хоҳад гашт».* Қайд кардан зарур аст, ки тарҳрезии мазкур дар раванди ташаккули барномаҳои миллӣ дар самти солимии ҷавонон метавонад мавриди истифода қарор гирад.

- Ҳуҷҷат гузориши зарурии мушкилот бо зикри он, ки барномаҳо дар самти солимии ҷавонон ғайрисамаранокаанд, овардани далелҳо барои беҳтаргардонии ин барномаҳо тавассути ҷалби ҷавонон ва иштироки онҳо дар барномаҳои мазкурро дар бар мегирад.

- Ғайр аз ин принсипҳои иштирок ва соҳаҳои иштироки ҷавонон муқаррар карда шудаанд.

-Инак, ҳуҷҷати мазкур як маҷмӯъ механизмҳои таъмини иштироки ҷавонон (Ташкили назорати мутобиқ, мониторинг ва баҳогузории принсипҳои иштироки ҷавонон, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд; Ташкили шӯрои ҷавонон дар назди мақомотҳои давлатӣ ва ташкилотҳои байналмиллалие, ки бо таҳия ва татбиқи стратегия ва барномаҳои вобаста ба ҳаёт ва солимии ҷавонон, махсусан барномаҳои амалҳои зидди БНМИ, истеъмоли маводҳои нашъаовар, солимии репродуктивӣ ва /ё ҷалби намояндагони ҷавонон ба мақомотҳои мавҷудаи роҳбарикунанда машғуланд; пешниҳоди имконияти изҳори оммавии мавқеи ҷавонон ва гирифтани малакаҳои зарурии он; Иштироки ҷавонон дар идоракунии барномаҳо; Татбиқи барномаҳои «Баробар ба баробар»)

ОО "Молодое поколение Таджикистана"

Ҳамин тариқ, ҳуҷҷати мазкур барои тамини иштироки ҷавонон заминаи муҳим мебошад. Тарафи заифи он мавҷуд набудани фокус ба барнома ё қонуни мушаххас, ки дар он муқаррароти ҳуҷҷатҳои мазкур бояд инъикос шуда бошанд, мебошад. Воқеан, дар ҳамроҳи бо ҳуҷҷати мазкур нақшаи воридкунии он ба мақомотҳои давлатӣ ва қонунҳо пешниҳод намудан зарур аст.

ОО "Молодое поколение Таджикистана"

**13. Ҳуҷҷати мавқеъмуайякунандаи ташкилотҳои ғайридавлатии ғайритиҷоратии ҷавонони Русия, ки дар самти ҳифзи солимӣ фаъолият мекунанд, мавқеи муштараки худро оиди масъалаҳои иштироки ҷавонон дар раванди қабули қарорҳои вобаста ба ҳаёт ва солимии онҳо, азҷумла дар барномаҳои ба самти пешгирии паҳншавии сирояти ВНМИ равонашуда пешниҳод менамоянд.**

Ҳуҷҷати мазкур бо ҳуҷҷати дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳиягардида дорад. Тафовути ҷиддии он – муқаррар намудани иштироки ҷавонон:

-*Иштироки муҳими ҷавонон – ҷалби ҷавонон ба сифати шарики баробарҳуқуқ дар тамоми марҳилаҳои таҳия, банақшагирӣ ва татбиқи барномаҳои вобаста ба соҳаҳои ҳаёт ва солимии ҷавонон.*

Дар дигар лаҳзаҳо (соҳаҳои иштироки ҷавонон, ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ, принсип ва механизмҳои иштироки ҷавонон) ҳар ду ҳуҷҷат ба ҳам наздиканд.

## 14. Варақаи иттилоотӣ: Иштироки ҷавонон (СММ)

Ҳуҷҷати мазкур хулосаи мухтасари таърихи ба маърази диққат гузоштан ва афзалияти масъалаи иштироки ҷавонон дар баррасии СММ –ро дар бар мегирад.

Соли 1995 аз тарафи Барномаи умумиҷаҳонии амалҳои вобаста ба ҷавонон қарорро оиди падидаҳое, ки ҷавонон дар асри оянда дучор хоҳанд шуда, қабул намуд.

Соли 2003 Ассамблеяи Генералӣ тарафдории худро ба ҷавонон тариқи қабули қарордоди 53/133 изҳор кард ва аҳамияти иштироки ҷавононро дар ҳамаи сатҳҳо тасдиқ намуд.

Соли 2009 дар қарордоди 64/134 Ассамблеяи Генералӣ Соли байналмиллалии ҷавонон: мусоҳиба ва ҳамдигарфаҳмиро эълон кард.

Иштирок ҳуқуқи заминавӣ аст. Ин яке аз принсипҳои роҳбарикунандаи Эъломияи Умумии ҳуқуқи инсон аст, ки дар дигар санадҳо ва эъломияҳо тасдиқ гардидааст. Туфайли иштироки фаъол ҷавонон ҳуқуқ доранд дар инкишофи шахсӣ, ҷомеаҳои ҷавонон вазифаи муҳимро бозанд, малакаҳои ҳаётан муҳимро азхуд кунанд, дониши худро оиди ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрвандӣ зжиёд намоянд, дар амалҳои мусбии шаҳрвандӣ мусоидат намоянд. Барои иштироки самараноки ҷавонон бояд воситаҳои зарурӣ, чун таълим ва дастрасӣ ба ҳуқуқҳои шаҳрвандии онҳо муҳайё карда шаванд.

Ҳуҷҷат меҳанизмҳои гуногуни иштирок, ба монанди иштирок дар ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси ихтиёрӣ, корҳои ҷамъиятӣ ва хизматрасонии таълимӣ; ба сифати аъзоёни кумитаҳои ҷавонон дар мақомотҳои давлатӣ; шӯроҳои миллии ҷавонон, чун ташкилотҳои сарпарасти ташкилотҳои ҷавонон дар таъмини иштироки ҷавонон; дар сатҳи ҷомеаҳои донишгоҳҳо ва мактабҳо ташкил намудани клубҳо; дар сатҳи байналмиллалӣ як қатор форумҳо ва конфронсҳои ташкилшудаи ҷавонон мавҷуданд.

- Иштироки ҷавонон метавонад тавассути воридсозии ҷавонон ба таҳия, татбиқ , мониторинг ва баҳогузории ҳуҷҷатҳо, стратегияҳо ва барномаҳо тақвият дода шавад;

-Иштироки ҷавонон метавонад аз ҳисоби як қатор усулҳо, ба монанди таълим ва зиёдкунии иқтидор беҳтар карда шавад. Иттилоот ва маводҳои зарурӣ метавонанд аз ҷониби шахсан ҷавонон бо истифодаи технологияҳои анъанавӣ ва муосири ВАУ, чун шабакаи Интернет, SMS ва ғ. таҳия шаванд.

Барои пешбарии иштироки ҷавонон инчунин сохтор ва механизмҳо ташкил карда мешаванд. Онҳо барои муқаррарӣ намудани иштироки ҷавонон дар раванди қабули қарорҳои вобаста ба ҷавонон, чун ташкили гурӯҳҳои машваратии ҷавонон, шабакаҳои ҷавонон бахри ҷомеаи мусбии шаҳрвандӣ ва ғ. таҳия мегарданд.

Кӯшишҳо барои ба намояндагии мутобиқ ва иштироки ҷавонон дар равандҳои қабули

ОО "Молодое поколение Таджикистана"

қарор аз ҷониби мақомотҳои давлатӣ ноил шудан, равона карда мешаванд.

Ҳангоми таҳияи қонунҳо оид ба ҷавонон, барои иштироки онҳо тариқи машварат, гузаронидани суолу ҷавоб оиди сиёсат ва ҳуқуқ, тақсимоти захираҳо ва кӯшишҳои парлумон дар масъалаи масъулияти ҳукумат мусоидат намудан зарур аст.

Ҷавононро барои иштирок дар барномаҳои мушаххас, чун мавзӯи таълим, ҳифзи иҷтимоӣ, ҳифзи солимии репродуктивӣ, муҳити зист ва ғ. ҳавасманд намудан зарур аст.

**15. Далелҳо: Солимии ҷавонон (Fact Sheet: Health of Young People) Ташкилоти умумиҷаҳонии ҳифзи солимӣ (WHO).**

Аз номи ҳуҷҷати мазкур бармеояд, ки он ба баррасии мушкилоти вобаста ба ҷавонон ва солимии онҳо дар сатҳи умумиҷаҳонӣ бахшида шудааст. Дар он ҷанбаҳои мушкилотҳои мазкур, таснифот ва бандҳои асосии барномаҳои асосии СММ дар соҳаи солимӣ (ҳомиладории барвақтӣ ва валодат; БНМИ; Гуруснагӣ; Солимии равонӣ; Истеъмоли тамоку; Истеъмоли машрубот; Хушунат; Осебҳо)

Ҳуҷҷати мазкур мавзӯи «Иштироки ҷавонон дар раванди қабули қарорҳо» дар бар нагирифтааст. Онро чун ҳуҷҷати заминавӣ ҳангоми масъалагузории беҳтаргардонии барномаҳои вобаста ба ҷавонон ва солимии онҳо, зиёдгардонии иштироки ҷавонон ва мавқеи онҳо истифода кардан имкон дорад.

ОО "Молодое поколение Таджикистана"

## 16. «Ҳамшарикии калонсолон ва ҷавонон» маърӯзаи А.М. Куликов

Мавод масъалаи иштироки ҷавононро дар ҷомеаи муосири Русия баррасӣ менамояд. Ҳуҷҷат ба санадҳои миллӣ ва байналмиллалӣ дар соҳаи иштироки ҷавонон (Қонуни Федеролӣ аз 18.06.1995 № 98-З «Дар бораи дастгирии давлатии иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон ва кӯдакон»; Конвенсия СММ оиди ҳуқуқҳои кӯдак; Стратегияи аврупоии «Солимӣ ва инкишофи кӯдакон ва наврасон»; Хартияи аврупоии иштироки ҷавонон дар ҳаёти ҷомеа ва минтақа) ишора менамояд.

Ғайр аз ин, мафҳуми иштироки ҷавонон маҳз дар такя ба масъалаҳои солимии ҷавонон муқаррар карда шудааст:

*Принсипи иштироки ҷавонон ҷалби наврасон дар нақшагирӣ, инкишоф, татбиқ, мониторинг ва баҳогузории барномаҳои беҳтаргардонии солимии репродуктивӣ, некӯаҳволии ҷинсӣ ва пешгирии ВНМИ-ро дар назар дорад. Ин маънои онро дорад, ки ҷавонон барои иштирок дар чунин барномаҳо дар марҳилаи таҳия (ҳуқуқи изҳоркунӣ, иштирок дар коркарди қарорҳои мутобиқ) то марҳилаи хотимавӣ ва баҳогузории самаранокии он ҳуқуқ доранд. Дар навбати аввал ин амалҳои ба инкишофи қобилиятҳои ҷавонон равонакардашуда, пешниҳоди имкониятҳои васеъ ва мустаҳкамкунии муҳити нек ва дастгирикунанда аст. Дар натиҷа муносибати ҷавонон нисбат ба саломатӣ, рафтори хавфнок ва ҷомеаи калонсонон мусбӣ хоҳад гашт.*

Дар ҳуҷҷати мазкур самара аз иштирок ва ҳамкорӣ баррасӣ мешавад, азҷумла:

- Ҳифз шудани ҳуқуқҳои худ аз ҷониби ҷавонон
- Иштирок, на танҳо иттилоъ додани ҷавонон.
- Баланд бардоштани самаранокии барномаҳои пешгирикунанда
- Ташаккули шаҳрванд
- Беҳтаршавии ҳамдигарфаҳмии наслҳо

Самара барои ҷавонон:

- Мусоидат ба инкишофи шахсият ва баҳогузории эътибори шахсӣ
- Тавлиди пешвоёни эҳтимолӣ
- Ташаккули эҳтиром дар байни калонсолон
- Сатҳи касбии мутахассисони ояндаро (ҳадафгузории тахассусӣ, пайдо намудани дониш ва малака) баланд мегардонад.
- Вазъияти ҷавононро тавассути таъмини дастрасии он ба иттилоот ва имконияти изҳори ғояҳои худ (шӯроҳои машваратӣ, палатаҳо, кумитаҳои худидоракунӣ, ташкилотҳои ҷавонон) беҳтар мегардонад.

- Эътимоднокӣ ва воқеияти иттилоотро оиди ҷавонон нисбатан зиёдтар таъмин менамояд.

Принсипҳои методологии иштирок ва шарикӣ:

Дараҷаи иштироки ҷавонон аз рӯи миқёс (аз иштирок дар ҳаёти хонавода то ҷомеаҳои байналмиллалӣ) ва сатҳ (дараҷаи ҳамкории воқеӣ) гуногун буда метавонад. Иштироки кӯдакон ва ҷавонон дар барномаҳои пешгирии рафтори хатарнок дар вобастагӣ аз синнусол, салоҳият ва масъулияти ҳар кӯдак ё ҷавон амалӣ мешавад.

- *Иштирок дар ҳаёти хонавода.Ҳамшарикии «Волидайн-кӯдакон»*
- *Иштирок дар ҳаёти муассисаи таълимӣ. Ҳамшарикии «Омӯзгор-хонанда»*
- *Иштирок дар ҳаёти мақомоти маҳаллӣ. Ҳамшарикии «Мақомоти маҳаллӣ – ҷавонои ноҳия»*
- *Иштирок дар ҳаёти давлат. Ҳамшарикии «Шахсони вазифадор – ҷавонони кишвар»*
- *Иштирок дар ҳаёти ҷомеаи байналмиллалӣ. Ҳамшарикии «Ҳукумат – ҷавонони ноҳия»*
- *Иштирок ва ҳамшарикӣ аз рӯи дараҷаи ҷалби ҷавонон ва боварӣ ба онҳо.*

Ҳашт зинаи иштирок мавҷуд аст:

- *ба ҳаракат даровардан*
- *оро додан*
- *токенизм (вонамуд кардани иштирок)*
- *қарори калонсолон ва иттилоъ додани кӯдакон/ҷавонон оиди он*
- *Машваратдиҳӣ ва иттилоъ додани кӯдакон/ҷавонон*
- *Қарорҳое, ки бо ибтикори калонсолон дар ҳамроҳи бо кӯдакон/ҷавонон қабул мешаванд*
- *Қарорҳое, ки ибтикори кӯдакон/ҷавонон таҳти роҳбарии калонсолон қабул мешаванд*
- *Қарорҳое, ки бо ибтикори кӯдакон/ҷавонон ҳамроҳ бо калонсолон қабул мешаванд*

*Шаклҳои иштирок ва ҳамшарикии ҷавонон дар барномаҳои ҳифзи солимии ҷинсӣ ва репродуктивии Россия:*

- *Принсипи таълими баробар. Барномаҳои «Баробар –ба баробар»*
- *Ҳаракати ихтиёриён*
- *Амалҳои ҷавонон*



ОО "Молодое поколение Таджикистана"

- *Форумҳои ҷавонон*
- *Ташкилотҳои ҷавонон*
- *Намояндагии ҷавонон дар кумитаҳо, комиссияҳо ва ташкилотҳо*
- *Фаъолияти ҷавонон ба сифати кормандони баробарҳуқуқ ва мушовирони ташкилотҳои гуногун*
- *Табобатхонаҳои дорои муносибати тахаммулкорона нисбати ҷа .*

Дар ҳуҷҷати мазкур миқдори зиёди иттилоти назариявӣ ва амалӣ дар соҳаи иштироки ҷавонон вуҷуд дорад. Муқаррарот ва ташреҳи ҷузъии ҳар як банд ҳуҷҷати мазкурро дар таҳия ва татбиқи барномаҳои таъмини иштироки ҷавонон дар самти солимии онҳо ба сифати дастурамал хизмат менамояд.

## 17. Хулоса

Ташреҳ 15 ҳуҷҷати гуногунро дар самти иштироки ҷавонон фаро гирифтааст. Азҷумла санадҳои қонунгузорӣ ва барномаҳои расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмиллалӣ дар соҳаи иштирок ва ҷалбкунии ҷавонон, инчунин маводҳои аз ҷониби ташкилотҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ таҳияшуда баррасӣ шуданд. Ҳар кадоме аз ин 15 ҳуҷҷат ба таъмини иштироки ҷавонон дар амалигардонии барномаҳо ва лоиҳаҳои вобаста ба ҷавонон дар соҳаҳои гуногун равона гардидааст.

**Ҳангоми натиҷагирӣ хулосаҳои зерин овардан имкон дорад:**

*Қонунгузории миллӣ ва барномаҳои миллӣ вобаста ба ҷавонон:*

- Дар қонунгузории миллии Тоҷикистон ва барномаҳои миллӣ вобаста ба ҷавонон заминаи зарурии меъёрӣ ва ҳуқуқӣ барои таъмини иштироки ҷавонон дар ҳамаи марҳилаҳо (таҳия, қабули қарор, идоракунӣ, амалигардонӣ, мониторинг ва баҳогузорӣ) мавҷуд аст.

- Механизмҳои алоҳидае, ки ба таъмини иштироки ҷавонон, аз ҷумла тащкили ИТҶТ (Иттиҳодияҳои ташкилотҳои ҷавонони Тоҷикистон), низоми дархости иҷтимоии амалигардонии сиёсат оиди ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути иттиҳодияҳо ва ташкилотҳои ҷавонон мавҷуд аст, дастгирии фаъолияти иттиҳодияҳои ҷавонон ва кӯдакон алоҳида инъикос гардидаанд. Эҳтимол, таҳия ва воридсозии воситаҳои иловагии махсус оиди таъмини иштироки ҷавонон дар ҳамаи марҳилаҳои банақшагирӣ ва амалигардонии барномаҳои вобаста ба ҷавонон зарур аст.

- Маҳакҳои асосии мафҳумҳои «ҷавонон», «сиёсати ҷавонон», « оилаи ҷавон» ва ғ. дода шудааст. Аммо ҳамзамон дар ҳеҷ куҷои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барномаҳои миллӣ мафҳуми «иштироки ҷавонон» шарҳ дода нашудааст. Чун натиҷа худи истилоҳи «иштироки ҷавонон» бештар дар доираи иштироки ҷавонон ба сифати иҷрокунандаҳои барномаҳо ва лоиҳаҳои миллӣ ба назар мерасад, ки ин худ барои таъмини васеи иштирок кифоя нест.

*Санадҳои байналмиллалӣ вобаста ба ҷавонон:*

- Ҳамаи санадҳои байналмиллалии баррасишуда зарурати иштирокро инъикос менамоянд. Масалан, дар қарордоди аз ҷониби Ассамблеяи Генералии СММ «Барномаи умумиҷаҳонии амалҳои вобаста ба ҷавонон то соли 2000 ва давраи минбаъда» зикр шудааст: «барномаи амалҳо, азҷумла, ба чораҳои мустаҳкам намудани иқтидори миллӣ дар соҳаи ҷавонон ва васеъ кардани имкониятҳои сифатӣ ва микдориро барои иштироки пурра, самаранок ва амалии ҷавонон дар ҳаёти ҷомеа равона карда шудааст».

- Санадҳои баррасишуда соҳахои ҳалталабро вобаста ба ҷавононро дар бар мегиранд, масалан: Таълим/Шуғл/ Гуруснагӣ ва бенавоӣ/ Ҳифзи саломатӣ/ Муҳити атроф/ Сӯистеъмоли маводи нашъаовар/ Ҷинояткорӣ байни ноболиғон/ Ташкили истироҳат/ Духтарони наврас ва ҷавонзанон/ Иштироки баробарҳуқуқ ва самараноки ҷавонон дар ҳаёти ҷомеа ва ра-

ОО "Молодое поколение Таджикистана"

ванди қабули қарорҳо. **Дар ҳамаи соҳаҳои ҳалталаб зарурати иштироки ҷавононро дар раванди таҳияи барномаҳо бо мақсади самаранокӣ ва шуурнокии пурраи барномаҳо оиди ҷавонон қайд карда мешавад.**

*Санадҳо оиди иштирок, ки аз ҷониби ташкилотҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ таҳия гардидаанд*

- Санадҳои бештар ҷолиб оиди мавқеи иштироки ҷавонон санадҳо оиди иштироки ҷавонон дар барномаҳои пешгирии паҳншавии БВМИ ва ҳифзи солимӣ (ҶТ ва ФР) мебошанд. Санадҳои мазкур доираи васеи масоили иштирокро фаро мегиранд. Қайд кардан зарур аст, ки санади мазкур қонунгузории миллиро дар соҳаи ҷавонон ва сиёсат оиди ҷавонон ба тарзи табиӣ комил мегардонад ва ибтикор оиди таҳия ва амалигардонии барномаҳои самараноки давлатии аз тарафи ҷавонон пешниҳодшуда мебошад.

**Ҳамин тариқ, ташреҳи мазкур зарурати иштироки ҷавонон дар ҳамаи марҳилаҳои таҳия, амалигардонӣ ва баҳогузории барномаҳо дар соҳаи ҷавонон нишон дод. Қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таъмини иштироки пурраи ҷавонон кӯшиш менамояд ва ин танҳо бо санадҳои байналмиллалии вобаста ба ҷавонон, инчунин ибтикорҳои мавҷудбудаи ташкилотҳо ва иттиҳодияҳои Тоҷикистон дастгирӣ мешавад.**

## 18. Нухсахои кӯтоҳкардаги:

ВНМО – Вируси норасоии масунияти одам.

ТУТ – Ташкилоти умуми□а□онии тандуруст□

БУҶ – Барномаи Умумичаҳони оиди чавонон.

ИА – Итти□оди Аврупо

АОМ – Аврупо ва Осиёи Марказ□.

ИТҶТ – Иттиҳоди ташкилотҳои чавони Тоҷикистон.

ТДМ – Ташкилоти давлат□ои мутта□ид

ҶТ– Ҷумҳурии Тоҷикистон.

ФР – Федерацияи Русия.

ВАО – Васоити ахбори умум.

БПНМ – Бемории пайдошудаи норасоии масуният.

ОО "Молодое поколение Таджикистана"

Барои қайд

ОО "Молодое поколение Таджикистана"

МО 5 сола шудем

Насли ҷавони Тоҷикистон

ИШТИРОК. РУШД. СОЗАНДАГӢ.

**Барои гирифтани маълумоти иловаги Шумо метавонед ба суроғаи зерин мурочиат намоед: Ташкилоти ҷамъиятии «Насли ҷавони Тоҷикистон»**


**<u>Корчойи асоси:</u>**

734003, ҶТ, ш. Душанбе,

Хиёбони Рудаки 112, ҳуҷ. 7.

Тел.кори: (+992 37) 2243835, (+992) 378807572

Тел.моб. : (+992 92) 707 75 72

**<u>Намояндаги дар ш.Хучанд:</u>**

735708, ЧТ, вилояти Сугд,

ш. Хучанд, куч. К. Хучанди 16

Тел.кори: (+992 3422) 4 07 49

Тел.моб. : (+992 92) 776 07 49

(+992 92) 774 86 13

Email: ygtstaff@gmail.com

www.ygt.tj


ОО "Молодое поколение Таджикистана"